Маълумотномаи асоснокkунӣ
ба лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»

**Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 2025, № 4838 (27-8) таҳия карда шудааст.**

1. **Мақсад ва вазифаҳои лоиҳаҳои мазкур**

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди пурраи инфрасохтори нақлиёти барқӣ як қатор монеаҳои ҳуқуқӣ мавҷуд мебошанд.

Яке аз чунин монеаҳои ҳуқуқӣ ин мавҷуд набудани мақомоти давлатӣ барои танзими фаъолияти истгоҳҳои барқпуркунӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, айни замон, дар робита ба мавҷуд набудани мақоми ваколатдори давлатӣ, истгоҳҳои барқдиҳӣ барои гирифтани иҷозатнома муроҷиат намекунанд. Мақомоти давлатӣ бояд иҷозатномаҳоро барои истифодаи истгоҳҳои барқдиҳӣ дар асоси сиёсати амалкунандаи энергетикӣ бо назардошти воқеияти иқтисодӣ ва энергетикии кишвар, аз ҷумла сарбории мавҷудаи барқии шабака, стандартҳои истгоҳҳои барқдиҳӣ ва ғайра пешниҳод намояд.

Рушди нақлиёти барқӣ ва нуктаҳои пуркунии нақлиётҳои барқӣ на танҳо ба вазъи экологӣ, балки ба сарбории шабакаҳои барқӣ, махсусан, ба хурдашавии инфрасохтори энергетикӣ низ таъсир расонида истодааст. Бояд қайд намуд, ки захираҳои энергетикии кишвар маҳдуд буда, дар айни замон, нуктаҳои пуркунии нақлиётҳои барқӣ бетартиб дар дилхоҳ маконе, ки рост меояд васл ва бе нақшаи дахлдори генералии рушди шабақои тақсимоти барқ гузошта шуда истодаанд. Барои таъмини эътимоднокии муътадили интиқоли нерӯи барқ зарур аст, ки васлшавии нуктаҳои пуркунии нақлиётҳои барқӣ аз ҷониби мақомоти масъули давлатӣ дар соҳаи энергетика ва шаҳрсозӣ танзим карда шавад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯи ва самаранокии энергия» ба **экспертизаи давлатии энергетикӣ дар соҳаи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия** бахшида шудааст.

**Моддаи 11. Экспертизаи давлатии энергетикӣ дар соҳаи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия**

1. Вазифаҳои асосии экспертизаи давлатии энергетикӣ аз муайян кардани мувофиқати хулосаҳои лоиҳавӣ ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсияи нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки энергия, мавҷуд будани системаи дахлдори ҳисобу китоб ва ҳамчунин

асосноккунии чорабиниҳои пешбинишуда оид ба сарфаҷӯии энергия иборат мебошанд.

2. Экспертизаи давлатии энергетикӣ аз рӯи намудҳои зерини фаъолият ва қарорҳои лоиҳавӣ гузаронида мешавад:

– истихроҷ, коркард, интиқол, нигоҳдорӣ, истеҳсол, табдил, истифода ва безараргардонии захираҳои сӯзишворию энергетикӣ;

– ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмони корхонаҳо, биноҳо ва иншооти нав, азнавсозӣ, таҷҳизонии техникӣ, такмил додан ва васеъ кардани онҳо, аз ҷумла техникаю технологияи татбиқшаванда ва ҳамчунин лоиҳаҳои азнавсозии биноҳо ва иншооти мавҷуда;

– лоиҳаҳои барномаҳои рушди соҳаҳои иқтисодиёт;

– лоиҳаҳои стандартҳо, санадҳои меъёрию техникӣ, тартибу қоидаҳо дар соҳаи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия.

## 2. Қисми тавсифӣ (дебоча, муаррифнома)

Рушди инфрасохтор ва истифодаи васеи мошинҳои барқӣ бидуни дастгирии давлатӣ, бахусус дар мавриди бартараф кардани монеаҳои ҳуқуқӣ ҳангоми ташкил ва истифодаи инфрасохтори нақлиёти барқӣ ғайриимкон аст. Ҳангоми баррасии ин лоиҳаи қонун вазъи экологии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ба назар гирифтан зарур мебошад.

Қайд намуд, зарур аст, ки шаҳри Душанбе калонтарин истеъмолкунандаи неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар соли 2024-ум 22,1% аз истеъмоли умумии кишвар ва дар фасли зимистон 23,4%-ро ташкил дод. Суръати афзоиши истеъмоли неруи барқ аз соли 2022 то 2024-ум ба 523 млн. кВт·соат ё 18,5% баробар гардид. Омили асосии афзоиш ёфтани талабот дар шаҳри Душанбе ин зиёд шудани корхонаҳои саноатӣ ва муштариёни тиҷоратӣ, аз ҷумла истгоҳҳои барқдиҳии нақлиёти барқӣ (электромобилҳо) мебошад. Танҳо аз ҳисоби нақлиётҳои барқӣ талабот 52,4% ё 331,2 млн. кВт·соат афзудааст.

## 3. Дурнамои оқибатҳои эҳтимолии ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, гендерӣ, экологӣ, коррупсионӣ

Қабули ин лоиҳаҳои мазкур ягон оқибати манфии ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, гендерӣ, экологӣ ва коррупсиониро ба бор намеорад. Дар баробари ин, тибқи банди 15 «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» арзёбии дохилиидоравии лоиҳаи мазкур гузаронида шуда, омилҳои бавуҷудовардани коррупсия дар он ошкор карда нашудааст.

## 4. Таҳлили мутобиқати лоиҳаҳои мазкур

Лоиҳаҳои пешниҳодшуда ба меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва инчунин шартномаҳои байналмилалии бо тартиби муқаррааргардида эътибордошта, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад, мухолифат намекунад.

**5. Маълумот дар бораи зарурати маблағгузорӣ**

Лоиҳаҳои мазкур маблағгузориро аз буҷети давлатӣ тақозо менамояд.

**6. Маълумот оид ба таҳлили таъсири танзимкунанда**

Лоиҳаҳои мазкур ба масъалаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дахл намекунад ва таҳлили таъсири танзимкунандаро тақозо наменамояд.

**7. Маълумот оид ба натиҷаи муҳокимаи ҷамъиятӣ**

Дар асоси моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар маҷмӯъ бо мақсади баргузории муҳокимаи ҷамъиятӣ дар сомонаи расмии Вазорат нашр карда мешаванд.

Вазорати энергетика ва
захираҳои оби Ҷумҳурии
Тоҷикистон